**Протоколи № 07**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «14» феврали соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМА:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ барои ташхиси пешакӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои химия Н.С. Бекназарова баромад намуда, қайд намуданд, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Саидова Ш.И., аз ҷумла диссертатсия ва автореферати он, санҷиши дараҷаи асолати матни автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (26.06.23, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, довталаб дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣро мувофиқи талабот пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надошта

***Қарор карда шуд:***

Оид ба диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ

ва 1-тиохроманӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ.

1. Диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «**Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

Бандаев Сироҷиддин Гадоевич – доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;

Пулатов Элмурод Холикулович – доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис;

Турдиалиев Муродҷон Зокирович – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи биохимияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», аъзои комиссияи ташхис.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

Имзои д.и. хим., профессор М. Раҳимова ва н.и. хим. Н.С. Бекназароваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.